# 1.3. (12.00.03) ЧАСТНОПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ
# 5.1.3. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ (СИВИЛИСТӢ)
# 5.1.3. PRIVATE-LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES

*УДК 343*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-2-26-31*

## *ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАСЪАЛАҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Бобохонов Фаридун Аламшоевич,** н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (Рашт, Тоҷикистон)*

## *ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ВОПРОСОВ ПСИХОЛОГИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Бобохонов Фаридун Аламшоевич,** канд. юрид. наук, доцент, зав. кафедрой психологии Педагогического института Таджикистана в Раштском районе (Рашт, Таджикистан)*

## *LEGAL REGULATION OF PSYCHOLOGICAL ISSUES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Bobokhonov Faridun Alamshoevich,** candidate of legal sciences, associate professor, the head of the department of psychology at the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region (Rasht, Tajikistan)*
***e-mail:** farodil_ff@mail.ru*

*Масъалаи танзими ҳуқуқии масъалаҳои психологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Як қатор проблемаҳои соҳаи психология, ки ба ҳуқуқ робитаи зич доранд, муайян ва зарурати танзими ҳуқуқии онҳо таъкид шудааст. Хулоса шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи ташаккули психология дастовардҳо зиёданд, аммо дар самти танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ ба назар намерасад. Қабули қонуни алоҳида дар ин самт, таҳия ва тасдиқи консепсия ва барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи психология дар кишвар амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Таъкид гардидааст, ки саломатии равонӣ аз саломатии ҷисмонии инсон фарқи калон дорад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар баробари саломатии ҷисмонӣ дар қонунгузории кишвар чун санадҳои байналмилалӣ саломатии равонӣ низ муқаррар карда шавад.*

***Калидвожаҳо:** танзими ҳуқуқӣ, масоили психология, саломатии равонӣ, дахлнопазирии равонӣ, санадҳои байналмилалӣ, азоби равонӣ, ташаккули психологӣ*

*Проанализировано и обсуждено правовое регулирование психологических проблем в Республике Таджикистан. Выделен ряд проблем в области психологии, тесно связанных с правом, и подчёркнута необходимость их правового регулирования. Сделан вывод, что в Республике Таджикистан имеется множество достижений, связанных с формированием психологии, но отсутствуют нормативно-правовые документы, относящиеся к правовому регулированию данной сферы. Представляется необходимым принятие отдельного закона в этой сфере, разработка и утверждение концепции и государственных программ развития психологии. Подчеркивается, что психическое здоровье сильно отличается от физического. Поэтому понятия, связанные с психическим здоровьем, целесообразнее закрепить в законодательстве страны, а также в международных документах наряду с физическим здоровьем.*

***Ключевые слова:** правовое регулирование, вопросы психологии, психическое здоровье, психическая неприкосновенность, международные документы, психические страдания, психологическое развитие*

*The article analyzes and discusses the legal regulation of psychological problems in the*

*Republic of Tajikistan. A number of problems in the field of psychology that are closely related to law are highlighted, and the need for their legal regulation is emphasized. It is concluded that in the Republic of Tajikistan there are many achievements related to the formation of psychology, but there are no regulatory documents related to the legal regulation of this area. It seems necessary to adopt a separate law in this area, develop and approve a concept and state programs for the development of psychology. It is emphasized that mental health is very different from physical health. Therefore, it is more appropriate to consolidate concepts related to mental health in the country's legislation, as well as in international documents, along with physical health.*

***Key words:*** *legal regulation, psychological issues, mental health, mental integrity, international documents, mental suffering, psychological development*

Ҳанӯз аз давраҳои қадим масъалаҳои психологӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода мешуданд. Масъалаҳои психологие, ки ба риштаи ҳуқуқ робитаи зич доранд инҳо ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии инсон – ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирӣ, марвиди шиканҷа ва озмоиши маҷбурии илмию тиббӣ қарор нагирифтан, ҳаёти хусусӣ ва монанди инҳо махсуб меёбанд. Масъалаи мазкур аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқ мавриди таҳқиқоти васеи илмӣ қарор гирифтааст. Аксари ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии зикршуда дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ [3], мусулмонӣ, шуравӣ ва муосири Тоҷикистон [6] ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Новобаста аз ин, баъзе аз ҷанбаҳои хусусияти психологӣ доштаи ҳуқуқ ва неъматҳои ғайримоддии инсон мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифтаанд. Масалан, қонунгузории мадании кишвар ибораҳои азоби ҷисмонию равониро муқаррар карда, мафҳуми онҳоро намекушояд, ки зери ифодаи "азоби равонӣ" чӣ фаҳмида мешавад [2, с. 225].

Дар баъзе аз таҳқиқотҳои худ дар хусуси зарари маънавӣ мо атрофи нақши масъалаҳои психологӣ оид ба оқибатҳои зарари равонӣ изҳори назар карда будем [2, с. 224], вале он масъала аз танзими ҳуқуқӣ берун мебошанд. Масалан, хусусиятҳои психологии инсон (мизоҷ, характер, дараҷаи идрок ва диққатнокӣ ва ғайра) дар муайян намудани зарари равонӣ ба инсон ва татбиқи ҷавобгарии мувофиқ ба шахси ҷавобгар аҳаммияти калон дорад, вале чунин масъалаҳо дар қонунгузорӣ танзим нашудаанд ва мавриди эътибор қарор намегиранд.

Бояд тазаккур дод, ки танзими ҳуқуқии масъалаҳои психологӣ аз санадҳои байналмилалӣ маншаъ мегирад. Таҳлили санадҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои психологӣ мустақиман дарҷ наёфтаанд. Аммо, бавосита, дар онҳо вожаҳои калидие ба назар мерасанд, ки ба масъалаҳои психологӣ ишора менамоянд. Масъалаҳои психологӣ дар санадҳои байналмилалӣ бештар ба неъматҳои ғайримодии инсон ва ё аниқтараш ҳаёти маънавии инсон вобастагӣ доранд. Ҳар як ҳуқуқҳои фитрии инсон бинобар сабаби табиатан ба ӯ тааллуқ доштанашон хусусияти психологӣ дошта, иҷроиш ва татбиқи онҳо ҳалли якчанд масъалаҳои психологиро ифода менамояд ва баръакс, иҷро нашудан ва татбиқ нагардидани чунин ҳуқуқҳои фитрӣ боиси ба вуҷуд омадани дигар оқибатҳо ва мушкилоти психологӣ мегардад. Масалан, дар натиҷаи вайрон кардани шаъну шарафи инсон ӯ ба оқибатҳои психикӣ (азсаргузаронии эмотсионалӣ ва дигар ҳиссиёту эмотсияҳои манфӣ) гирифтор мешавад. Чунин ҳолат, боз оқибатҳои дигарро ба вуҷуд меоварад, ки инро «оқибатҳои зарари психологӣ» гуфтан мумкин аст. Аз ҷумла, шахс дар натиҷаи зарари маънавӣ (поймол шудани шаъну шараф) ба мушкилоти мардумгурезӣ, нобоварӣ ба худ, мунтазам дар ҳолати пасти равонӣ қарор гирифтан, рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ ба оянда ва ғайраҳо гирифтор мешавад, ки ин ҳама боз метавонанд дар навбати дигар, ӯро ба худкушӣ водор намояд ва ё ба бемориҳои психологӣ (невроз, депресия, вайроншавии шахсият ва ғайра) дучор кунанд. Аз гуфтаҳои боло хулосабарорӣ

кардан мумкин аст, ки поймол шудани як неъмати фитрии инсон ба ӯ чи қадар мушкилоти психологиро ба вуҷуд меоварад.

Ҳанӯз аз давраи бунёд ва фаъолияташ Созмони Миллали Муттаҳид ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар маркази фаъолияти худ қарор дода, яке аз самтҳои асосии фаъолияти худ шуморидааст. Пеш аз ҳама дар Оинномаи худ афзалияти масъалаи танзими арзишмандии ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба неъматҳои ғайримоддиро инъикос намуда, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба яке аз принсипҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ табдил додааст. Пас аз ин, дар арсаи байналмилалӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавии бешуморе қабул карда шуданд, ки масъалаи ҳифзи неъматҳои ғайримоддии инсонро низ фаро мегиранд. Дар ин хусус У.А. Азиззода қайд мекунад, ки роҳҳо ва тарзу усулҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд. Ҳуқуқу озодиҳои ғайримоддии инсон ва ҳифзи онҳо аз зарари маънавӣ мавзуи танзимии на танҳо қонунгузории миллӣ, балки санадҳои байналмилалӣ низ мебошанд [1, с. 94].

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи махсусро принсипҳои умумиэътирофшуда ташкил медиҳанд, ки чанде аз онҳо ишора ба масъалаҳои психологӣ менамоянд. Аз ҷумла, принсипи ба таври осоишта ҳал кардани баҳсҳои байналхалқӣ; принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлат; принсипи бовиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои байналхалқӣ; принсипи эҳтироми ҳуқуқ ва озодии асосии инсон.

Як қатор санадҳои байналхалқиро номбар кардан мумкин аст, ки дар онҳо ба масъалаҳои психологӣ ишора шудаанд. Аз ҷумла:

- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар;
- Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқукқои фитрӣ ва сиёсӣ;
- Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иктисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон;
- Эъломия оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ;
- Эъломия оид ба ҳимояи ҳамаи шахсон аз шиканҷа, ё муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ, ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;
- Эъломия дар бораи ҳифзи тамоми шахсон аз бедаракшавии маҷбурӣ;
- Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ;
- Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ, ё таҳқиркунандаи шаъну шараф;
- Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- Конвенсия нисбати ғуломдорӣ;
- Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон;
- Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон;
- Конвенсия дар бораи розигии ба никоҳ даромадан, синну соли никоҳӣ ва қайди ақдҳои никоҳ;
- Ковенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ;
- Конвенсия оид ба мубориза бо фурӯши одамон ва истифодаи фоҳишагарӣ аз тарафи шахсони сеюм ва ғайра.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии номбурда чунин вожаҳои калидӣ муқаррар шудаанд, ки ишора ба масъалаҳои психологӣ менамоянд: қадру қимат, виҷдон, эҷоди дунё, озодии сухан ва аққида, фориғ аз тарсу эҳтиёҷ, орзуи одамон, муносибатҳои дӯстона, вазъи зиндагии беҳтар, баробарӣ, ақл, азият, муомила, ҷазои сахт, ғайриинсонӣ, ҳаёти шахсӣ, оилавӣ ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз санадҳои байналмилалиро қайд кардан мумкин аст, ки онҳо дақиқан масъалаҳои психологиро муқаррар кардаанд. Аз ҷумла, Хартияи Иттиҳоди

Аврупо оид ба ҳуқуқҳои бунёдӣ дар моддаи 3 чунин пешбинӣ кардааст: «Ҳар шахс дорои ҳуқуқ ба тамомияти ҷисмонӣ ва рӯҳии худ мебошад». Инчунин, Конвенсия оид ба њуқуқи маъюбон, ки дар доираи СММ қабул шудааст, ёдовар шудан мумкин аст. Моддаи 17-и ин Конвенсия ҳуқуқи ҳар як маъюбро барои эҳтиром кардани тамомияти ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯ дар баробари дигарон эълон мекунад.

Аз меъёрҳои байналхалқӣ бармеояд, ки дар онҳо масъалаҳои психологӣ зери як мафҳуми умумӣ «тамомияти равонӣ» муқаррар шудаанд. Ин мафҳум васеъ буда, дигар ҷанбаҳои равонии инсон, аз ҷумла дахлнопазирии равониро низ ифода мекунад. Аммо, мафҳуми мазкур на танҳо барои қонунгузорӣ, балки илми равоншиносӣ ва ҳуқуқшиносии ватанӣ нав ба назар мерасад. Агар дар ҷумҳурӣ санадҳои дахлдор дар самти саломатии равонӣ ва ё дигар ҷанбаҳои психологӣ қабул карда мешуд, он гоҳ чунин мафҳумҳо дар онҳо шарҳ дода мешуданд ва бисёре аз баҳсҳои ҳуқуқӣ низ ҳалли худро меёфтанд. Масалан, ба саволи он, ки «Оё ҳуқуқ ба саломатии моддаи 38-и Конститутсияи ҶТ саломатии равониро ифода мекунад ё не?» ҷавоб гардонидан душвор мебошад. Зеро барои иҷрои меъёри моддаи мазкур дар кишвар Кодекси тандурустӣ қабул карда шуд, аммо дар самти саломатии равонӣ ягон беҳбудии ҷиддӣ рух надод. Кодекси мазкур танҳо масъалаи саломатии беморони рӯҳӣ (ҳолатҳои равонпизишкӣ)-ро муқаррар кардааст, вале дар он, ба масъалаҳои саломатии равонӣ аз рӯи ҳолатҳои равондармонӣ таваҷҷуҳ нашудааст. Ба ин монанд як қатор саволҳо ҷавоби худро мехоҳанд: аз ҷумла, оё ҳифзи саломатие, ки дар боби 16-и КҶ ҶТ - «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» муқаррар шудаанд, саломатии равониро дар назар дорад ё не? Агар ҳа, пас чаро дар ягон меъёри он ҳифзи саломатии равонии инсон аз ягон намуди зараррасонӣ муқаррар нашудааст? Аз ҷумла, дар диспозитсияи моддаҳои 110-116 ягон ҳолати харобшавии саломатии равонӣ муқаррар нашудааст. Баръакс, ибораҳои «дарди ҷисмонӣ», «узви бадан» ва ғайра истифода шудааст. Ҳол он ки бояд дар баробари саломатии ҷисмонӣ ҳифзи саломатии рӯҳӣ низ муқаррар мегардид.

Солимии рӯҳӣ [7] ҳамчун неъмати шахсии ғайримолумулкӣ, ки нисбат ба он муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешавад. Саломатии рӯҳиро бояд ҳамчун ҳолати рӯҳии бадан, ки бо маҷмуи сифатҳо ва қобилиятҳои шахсӣ хос буда, ба инсон барои мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ имкон медиҳад, фаҳмидан лозим аст [4]. Муаллиф ба таври конститутсионӣ мукаммал гардонидани уҳдадории давлатро оид ба ғамхорӣ дар бораи солимии ҷисмонӣ ва равонии ҳар як шаҳрванд ва пешбурди сиёсати мақсаднок оид ба ҳифз, мустаҳкам намудани солимии равонӣ ва рафъи амалҳое, ки хавфи вайронкунии қонунро дар оянда ба вуҷуд меоранд, асоснок кардааст. Маврид ба зикр аст, ки зарурат ва аҳаммияти танзими ҳуқуқии масъалаи саломатии равонӣ, инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки уҳдадории давлат оид ба кафолати ҳуқуқи ҳар як шахс ба сатҳи баландтарини солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ дар моддаи 12 Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муқаррар шудааст. Аз ин андешаҳо чунин хулоса мебароояд, ки саломатии равонӣ аз саломатии ҷисмонии инсон фарқи калон дорад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар баробари саломатии ҷисмонӣ дар қонунгузории кишвар чун санадҳои байналмилалӣ саломатии равонӣ низ муқаррар карда шавад.

Масъалаи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ ин муайян кардани мафҳум ва ҳудуди дахлнопазирии равонӣ мебошад. Тавре маълум аст, дахлнопазирии ҷисмонии шахс ин ҳуқуқи ҷудонашаванда ба ҳаёт ва шаъну шарафи инсон; озодӣ ва амнияти шахсӣ; манъи шиканҷа, муносибати бераҳмона, муомила, ё ҷазои ғайриинсонӣ, таҳқиркунандаи шаъну шараф; мамануъияти бе розигии ӯ, ба шахс гузарондани таҷрибаҳои тиббӣ, ё илмӣ; манъи ғайриқонунӣ дастгир кардан, ё ба ҳабс гирифтан; ҳуқуқ ба ҷуброни зарар дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳо фаҳмида мешавад, ки дар меъёрҳои санадҳои асосии байналмилалӣ ва конститутсияҳои давлатҳо ифода ёфтааст. Пас, дахлнопазирии равонӣ

чиро ифода мекунад? Баъзе муаллифон ба мафҳуми «дахлнопазирии равонӣ»-ро истифода бурда, онро ҳамчун иҷрои озодонаи амалҳо мувофиқи шуур ва иродаи худ муайян мекунанд. Мазмуни ҳуқуқ ба дахлнопазирии рӯҳӣ ҳуқуқи озодона анҷом додани амалҳоро мувофиқи шуур ва иродаи худ, инчунин талаби риояи кардани ҳуқуқҳояшро аз дигар субъектҳо дар бар мегирад. Дахлнопазирии равонии шахс қобилияти озодона қабул кардани қарор, фикр кардан, мувофиқи шуур ва иродаи худ амал кардан, мутобиқ шудан ба ҷомеа, риояи меъёрҳо ва қоидаҳои ҷорӣ бо назардошти хусусиятҳои шахсӣ ва дарки муҳити зист маҳсуб меёбад [5]. Мавриди озмоишҳои психологӣ қарор додани шахс, барои муайян кардани саломатии равонии ӯ (дараҷаи девонагӣ) шахси солимро маҷбуран ба табобати равонӣ фаро гирифтан, бе ризоияти шахс санҷиши ӯ бо тестҳои гуногуни психологӣ, берун аз қобилиятнокии шахс талабот гузоштан ба ӯ, дидаю дониста зери фишори психологӣ қарор додани шахс, дидаю дониста иваз намудани раванди фикронии шахс бе ризоияти ӯ, тухмати девонагӣ задан ба шахс, нарасонидани ёрии равонӣ ба шахс аз ҷониби равондармон ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст, ки дахлнопазирии равонӣ ва тамомияти равонии шахсро ифода мекунанд ва ба ҳифзи махсуси ҳуқуқӣ ниёз доранд. Бинобар ин, дахлнопазирии равонӣ низ бояд дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Боя ҳеҷ кас ҳуқуқ надошта бошад, ки бе ризоияти шахси дигар дар бораи хислатҳои шахсӣ, мизоҷ ва қобилияту шуурнокии ӯ маълумот паҳн намояд. Дар баробари ин, «сирри психологӣ» мафҳуме ҳаст, ки бояд дар чаҳорчубаи қонунгузорӣ ҳудуди он муайян ва зери ҳифзи ҳуқуқӣ қарор дода шавад.

Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур метавон хулоса кард, ки дар танзими масъалаҳои психологӣ нақши санадҳои байналмилалӣ калон мебошад. Онҳо ҷанбаҳои ҷудогонаи ҳаёти равонии инсонро ба воситаи ҳуқуқҳои фитрии инсон муқаррар менамоянд. Яъне, новобаста аз санадҳои ҳуқуқии зиёд дар арсаи байналмилалӣ ба танзими ҳаёти равонии инсон ва ҳифзи он таваҷҷуҳи маҳдуд зоҳир гардидааст. Эҳтимол аз ин ҷост, ки дар кишварҳои алоҳида низ нисбат ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои психологӣ таваҷҷуҳи камтар зоҳир мегардад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Белорус қонун дар бораи психология ва фаъолияти психологӣ қабул карда шудааст. Дар Федератсияи Россия бошад, ду маротиба лоиҳаи қонун омода карда мешавад, вале то кунун мавриди амал қарор нагирифтааст. Новобаста аз ин, дар Федератсияи Россия соли 2016 дар бораи ташаккули хизмати психологӣ дар низоми маориф барои давраи то соли 2025 консепсия қабул карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, албатта, вобаста ба масъалаи ташаккули психология дастовардҳо зиёданд, аммо дар самти танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ ба назар намерасад. Қабули қонуни алоҳида дар ин самт, таҳия ва тасдиқи консепсия ва барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи психология дар кишвар амри зарурӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлили масъалаҳои боло чунин хулосаҳоро пешниҳод менамоем:

1. Консепсияи дарозмудати ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ таҳия ва тасдиқ карда шуда, дар асоси он роҳу усулҳои ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ба таври ҷоннок роҳандозӣ карда шавад.

2. Дар ҳар як ташкилоту муассисаи ҷумҳурӣ воҳиди кории «психологи муассиса» ташкил карда шавад. Корманди мазкур метавонад, дар фароҳамоварии фазои мусоиди корӣ, иттифоқии коллектив, ҳангоми қабул ба кор ва ё таъин шудан ба вазифаи муайян, мувофиқати хусусиятҳои психологии ӯро ба вазифаи мазкур муайян мекунад, ба кормандоне, ки мушкилоти психологӣ доранд машварати психологӣ мерасонад, дар ҳолатҳои бухронӣ ва давраҳои вазнини муассиса рӯҳияи кормандонро нигоҳ медорад ва ғайра.

3. Дар шаҳру ноҳия ва маҳалҳо, ҳамзамон аксари корхонаю муассисаҳое, ки бунгоҳи

тиббӣ доранд, дар баробари он машваратхонаи психологӣ ташкил карда шаванд.

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи равоншиносӣ ва фаъолияти равоншиносон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад.

5. Стратегияи дарозмуддати ташаккули соҳаи равоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. *Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ». – 2021. – № 3 (88). – С. 93-100. - С.94.*
2. *Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 222-229. с. 225.*
3. *Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21-37.*
4. *Васильева, Т.В. Психологическое здоровье личности сегодня [Текст] / Т.В. Васильева // Психологическое здоровье субъектов педагогического процесса: сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции. – Орехово-Зуево: МГОГИ, 2009. – С. 3-5.*
5. *Гражданское право. Часть первая: учебник [Текст] / отв. Ред. Мозолин В.П., Масляев А.И. – Москва: Юристъ, 2003. – 719 с.*
6. *Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 220-228.*
7. *Шувалов, А.В. Психологическое здоровье человека [Текст] / А.В. Шувалов // Вестник ПСТГУ. – 2009. – Вып. 4 (15). – С. 87-101.*

**REFERENCES:**

1. *Azizzoda, U.A., Bobohonov, F.A. National and International Legal Bases of Protection of Human Rights from Moral Harm [Text] / U.A. Azizzoda, F.A. Bobokhonov // Scientific-theoretical magazine "News of DDHBST". - 2021. - No. 3 (88). - PP. 93-100.*
2. *Azizzoda, U.A., Bobohonov, F.A. Ways to Protect Human Rights from Moral Harm [Text] / U.A. Azizzoda, F.A. Bobohonov // Message of the National University of Tajikistan / Department of Social, Economic and Social Sciences. - 2021. - No. 2. - PP. 222-229.*
3. *Azizzoda, U.A., Bobohonov, F.A. Protection of Human Rights from Moral Harm in the Zoroastrian Legal System [Text] / U.A. Azizzoda, F.A. Bobohonov // State studies and human rights. – 2021. – No. 1. – PP. 21-37.*
4. *Vasilyeva, T.V. Psychological Health Personality Today [Text] / T.V. Vasil'eva // Psychological Health of Subjects of Pedagogical Process. Collection of materials of the Russian scientific-practical conference. – Orekhovo-Zuevo: MGOGI, 2009. – PP. 3-5.*
5. *Civil Law. First part: textbook [Text] / Ed. Mozolin V.P., Maslyaev A.I. – M.: Jurist, 2003. – 719 pp.*
6. *Zakirzoda, Z.H., Bobohonov, F.A. Protection of Human Rights from Moral Harm in Criminal Relations [Text] / Z.Kh. Zakirzoda, F.A. Bobohonov // Message of the National University of Tajikistan / Department of Social, Economic and Social Sciences. - 2021. - No. 4. - PP. 220-228.*
7. *Shuvalov, A.V. Psychological Health of a Person [Text] / A.V. Shuvalov // Bulletin of PSTGU. – 2009. – Edition 4 (15). – PP. 87-101.*